ХУЛОСАИ

шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-044 дар назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ диссертатсияи Уроқов Мирзомурод Давлатмуродович дар мавзӯи «Асосҳои методии ҳамбастагии методҳои таълим ва тарбия дар иҷрои вазифаҳои таълими фанни химия» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02-назария ва усулҳои омӯзишу парвариш (химия)

Парвандаи аттестатсионии №
Қарори шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-044
аз "28" "октябри" соли 2021 № 1

Барои сазовор донистани Уроқов Мирзомурод Давлатмуродович ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02-назария ва усулҳои омӯзишу парвариш (химия)

Диссертатсияи Уроқов Мирзомурод Давлатмуродович дар мавзӯи «Асосҳои методии ҳамбастагии методҳои таълим ва тарбия дар иҷрои вазифаҳои таълими фанни химия» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02- назария ва усулҳои омӯзишу парвариш (химия), дар кафедраи химия ва методикаи таълими они Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ иҷро карда шуда, барои ҳимоя ба шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-044 дар назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (734003, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121, фармони Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 июни соли 2021 тасдиқ шудааст) пешниҳод намуда аст.

Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-044 дар суратҷаласаи №9 комиссияи экспертӣ. Раиси комиссия Раҷабов Сироҷиддин Икромович-доктори илмҳои химия, профессор, аъзоён: Сатторов Тоҳирҷон доктори илмҳои биология, профессор ва Ғайратзода Меҳровар Ховар номзади илмҳои биология, дотсент. таъин намуд

Матни диссертатсия ва ҳамаи ҳуҷҷатҳои зарурии парвандаи аттестатсионӣ дар сайти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ www.tgpu.tj 09.07.2021 ҷой дода шудааст. Дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бо суратҷаласаи № 10 аз 09.07.2021 диссертатсия ба ҳимоя иҷозат дода шуда, рӯзи ҳимоя 28.10.2021 муайян карда шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Уроқов Мирзомурод Давлатмуродович шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон 3-юми октябри соли 1983 дар ҷамоати Туту деҳоти Кулдамон ноҳияи Муъминобад, вилояти Хатлон таваллуд шудааст. Соли 2001 ба Донишкадаи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, факултети химия ва биология ба ихтисоси химия дохил шуда, соли 2006 бо гирифтани дипломи муаллими химия онро хатм намудааст. Ӯ аз соли 2006 то соли 2007 дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 18 -и ноҳияи Муъминободи вилояти Хатлон ба ҳайси муаллими химия фаъолият намуд.

Аз соли 2007 инҷониб дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ба ҳайси омӯзгори фанни химия фаъолият дорад. Ӯ омӯзгори лаёқатманду қобилиятнок, эҷодкору навовар буда, ҳар як дарси худро бо истифода аз шохаҳои усули фаъоли таълим, бо аёнят ва воситаҳои техникӣ мегузаронад. Ҳар як дарси муаллим Уроқов М.Д. аз навгониҳо пур буда, хеле шавқовару пурмазмун гузаронида мешавад. Уроқов М.Д. дар байни шогирдон ва омӯзгорон соҳиби обрую эътибори хоса дошта, мунтазам аз омӯзгорони пуртаҷриба маслиҳатҳои методӣ мегирад.

Диссертатсияи Уроқов Мирзомурод Давлатмуродоич дар мавзӯи «Асосҳои методии ҳамбастагии методҳои таълим ва тарбия дар иҷрои вазифаҳои таълими фанни химия» дар кафедраи химияи ва методикаи таълими они Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ба анҷом расонида шудааст. Мавзӯъ ва роҳбари илмии унвонҷӯй Уроқов Мирзомурод дар Шӯрои олимони Донишгоҳ бо суратҷаласаи№ 3 аз 31.10.2016 тасдиқ гардида аст.

Роҳбари илмӣ: Холназаров Санг - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносии Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

Муқарризони расмӣ: Раҷабов У.Р., доктори илмҳои химия профессори кафедраи химияи фармасевтӣ ва захршиносии «МДТ» Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино, **Алимов Сироҷиддин**, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент мудири кафедраи методикаи таълими химия Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ;

Муассисаи тақриздиҳанда - Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, кафедраи химияи умумӣ ва методикаи таълими он, дар хулосаи мусбати муассиса, ки аз тарафи ректори донишгоҳ, доктори илмҳои таърих, профессор Ҷуразода Ҷамшед Ҳабибулло ва мудири кафедраи химияи умуми ва методикаи таълими он, номзади илмҳои педагогӣ Ахмедова Замира имзо шудааст қайд намуданд,, ки диссертатсияи Уроқов Мирзомурод Давлатмуродович дар мавзӯъи «Асосҳои методии ҳамбастагии методҳои таълим ва тарбия дар иҷрои вазифаҳои таълими фанни химия» таҳқиқоти ба анҷомрасонида ҳисобида, ҷавобгӯй ба талаботҳои зербоби 10, 11, 12, 14, 16-и Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба «Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ» таҳти № 505 аз 26.11.2016 сол буда, рисоланавис Уроқов Мирзомурод Давлатмуродович барои дарёфти унвони номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02- назария ва усулҳои омӯзишу парвариш (химия) арзанда ҳисобида шавад.

Дар хулосаҳои пешниҳод шудаи муққаризони расмӣ Раҷабов У.Р., доктори илмҳои химия профессори кафедраи химияи фармасевтӣ ва захршиносии «МДТ» Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино ва Алимов Сироҷиддин, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент мудири кафедраи методикаи таълими химия Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, омадааст, ки дар маҷмӯъ, эродҳои ишорашуда арзиши таҳқиқоти анҷомёфтаро ба ҳеҷ ваҷҳ паст

намекунанд, кори диссертатсионии Уроқов Мирзомурод Давлатмуродович дар мавзӯи «Асосҳои методии ҳамбастагии методҳои таълим ва тарбия дар иҷрои вазифаҳои таълимии фанни химия», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – назария ва методикаи омӯзишу парвариш (химия) пешниҳод гардидааст, кори баанҷомрасидаи илмию таҳқиқотӣ буда, ба талаботҳои Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.11.2016 таҳти рақами 505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст ва муаллифи он Уроқов Мирзомурод Давлатмуродович барои соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – назария ва методикаи омӯзишу парвариш (химия) арзанда мебошад.

Ба автореферати диссертатсия панҷ тақриз ворид шуданд. Дар онҳо қайд қарда мешавад, ки кори иҷрошуда таҳқиқоти ба анҷомрасида буда, ба ҳамаи талаботҳо оид ба иҷрои диссертатсияҳои номзадӣ мувофиқат менамоянд.

1. Гулмадов Файз доктои илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи назария ва таърихи педагогикаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (дар умум баҳои мусбӣ дода шудааст).

2. Ғафуров Бобомурод, доктори илми химия, дотсенти кафедраи химия ва биологияи тиббии Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон”

3. Қурбонова Муқадас, номзади илмҳои химия, дотсент мудири кафедраи усули таълими химияи Донишгоҳи милли Тоҷикистон. Дар автореферат таснифи умумӣ ва мубрамияти мавзӯи интихобгардида, дараҷаи коркардиилмии праблема, объект, ҳадаф, вазифа ва фарзия, сарчашмаҳо, навгонии илмӣ, арзишҳои назариявию амалӣ ва пойгоҳи таҷрибавию озмоиши таҳқиқот, инчунин марҳилаҳои таҳқиқот ва кӯҳтаҳое, ки барои дифоъ пешниҳод мегардад, боэтимодӣ ва асосноки натиҷаҳои таҳқиқот, озмоиш ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот ва сохтори диссертатсияро дар бар гирифтааст (дар умум баҳои мусбӣ дода шудааст).

4. Азимов Раҷабалӣ, номзади илмҳои педагогӣ Саромӯзгори кафедраи фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзии Донишкадаи энегетикии Тоҷикистон. Мавзӯъи интихоб намудаи Уроқов М.Д актуалӣ ва муҳим ҳисобида шуда, як қатор ҳуҷҷатҳое, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расонида шудааст, ба монанди: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Консепсияи миллии таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Стратегияи миллии рушди маориф то соли 2020», «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030» ва ғ. муҳим ва басо зарурӣ ба шумор меравад. Хулосаҳои пешниҳоднамудаи муаллиф гувоҳӣ медиҳанд, ки ӯ ба фарзияи пешниҳодшудаи таҳқиқот дар озмоиши педагогӣ комёб шудааст. Дар автореферат баъзе хатогиҳои имлоӣ дида мешаванд, ки қиммати ин корро тағйир намедиҳад. Аз ин рӯ муаллифи кор барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - назария ва методикаи таълим ва тарбия (химия) сазовор гардидааст. (дар умум баҳои мусбӣ дода шудааст)

5. Кучаров Маҳмадамин, номзади илмҳои техники, и.в. дотсент кафедраи химияи умумӣ ва таҳлилии Донишкадаи менеҷменти иноватсионӣ Кӯлоб. Унвонҷӯ Уроқов Мирзомурод Давлатмурдович рисолаи илмии хешро маҳз ба ҳамбастагии методҳои таълим ва тарбия дар таълими фанни химия бахшидааст. Дар рафти иҷроиши кори илмии худ диссертант аз методҳои назариявӣ, озмоишӣ ва коркарди омории натиҷаҳои ба даст омада тавассути методҳои анъанави ва ғайрианъанвӣ истифода бурда, татқиқотҳои худро дар се марҳила гузаронида шудааст.

Дар хулоса бояд қайд кард, ки таҳқиқотеро, ки аз тарафи Уроқов М.Д. ба иҷро расонидааст, аз нигоҳҳои назариявию амалӣ таҳқиқоти зарурӣ ба ҳисоб рафта, барои рушду нумӯи илми педагогикаи муосир саҳмгузор мегардад (дар умум баҳои мусбӣ дода шудааст)

Диссертант Уроқов Мирзомурод Давлатмуродович рисолаи илмии хешро маҳз ба ҳамбастагии методҳои таълим ва тарбия дар таълими фанни химия бахшидааст. Дар рафти иҷроиши кори илмии худ диссертант аз методҳои назариявӣ, озмоишӣ ва коркарди омории натиҷаҳои ба даст омада тавассути методҳои анъанвӣ ва ғайрианъанвӣ истифода бурда, татқиқотҳои худро дар се марҳила гузаронидааст.

Дар асоси натиҷаҳои аз таҳқиқот ба даст омада муаллиф чунин тавсияҳо медиҳад, ки

1. Имкониятҳои истифодаи методҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавии таълим ва тарбия дар раванди таълиму тарбия, методҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавии тарбия дар таълими химия ва методикаи таълими химия пурра дида баромада нашудааст ва таҳқиқи фаъолро талаб дорад.

2. Системаи муваффақиятноки истифодаи дар ҳамбастагӣ намудани методҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавии тарбия ҳангоми омӯзиши химия дар доираи мавҷудаи раванди таълими химия дохил кардан ва бо шарофати истифодаи муносибати методии ғайрианъанавӣ, ки ба алоқаи зичи методҳо, интихоби дурусти онҳо ҳангоми банақашгирӣ асос ёфтаанд, истифодаи онҳо дар амалияи таълими химия мушкилии зиёдро пеш намеорад.

3. Таҳлили нуқтаи назари муаллифони гуногун, асосҳои назариявии проблема дар маҷмӯъ истифода намудани методҳои таълим ва тарбия дар методикаи таълими химия, барои иҷрои вазифаҳои таълимӣ, ки консепсияи ҳозираи таълим мегузорад, истифода бурдан мумкин аст.

4. Меъёрҳои пешниҳод шударо ба сифати баҳодиҳӣ барои муайян кардани методҳои таълим ва тарбияи анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ истофода кардан мувофиқи мақсад аст. Интихоби онҳоро бояд ба ихтиёри муаллими химия гузорем, то ин ки худаш шахсан бо назардошти шароити корӣ интихоб намояд.

5. Системаи истифодаи методҳои таълим ва тарбияи анъанавӣ ва ғайрианъанавиро ба самаранок ҳал намудани вазифаҳои дидактикӣ ҳангоми

таълими химия равона кардан лозим аст. Зарурати боз ҳам беҳтар кардан, мустаҳкам намудани ҷанбаҳои тарбиявии дарсҳои химия, ба рушди шахсият равона кардани онҳо пеш омадааст.

6. Муайян намудани моҳияти методҳои таълим ва тарбияи анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ, дар амалия татбиқ намудани системаи дар ҳамбастагӣ истифода намудани методҳо нишон дод, ки роҳи муваффақиятнокӣ ҳамкорӣ ин ҳамбастагии онҳо мебошад. Аз ин ҷо истифодаи он дар раванди таълими фанни химия мусоидат менамояд.

7. Босифат ҳал намудани вазифаҳои таълимӣ бо роҳи интихоби чунин методҳо муяссар мегардад:

-мақсаднокии фаъолияти якҷояи омӯзгори химия ва хонанда;

-интихоби методҳо дар асоси хосиятҳои хоси синнусолии хонандагон;

-мувофиқати методҳои интихоб карда шуда ба имкониятҳои фардӣ, сатҳи рушди эҷодию методии омӯзгори химия.

Хулосаҳои пешниҳод намудаи муаллиф гувоҳи медиҳад, ки ӯ дар методҳои пешниҳод намудаи худ таҳқиқотҳои озмоиши гузаронида ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст. Таҳқиқотеро, ки аз тарафи Уроқов Мирзомурод Давлатмуродович ба иҷро расонида, аз нигоҳҳои назариявию амалӣ таҳқиқоти зарурӣ ба ҳисоб рафта, барои рушду нумӯи илми педагогикаи муосир саҳмгузор мебошад.

Ҳаминро бояд қайд намуд, ки аз тарафи диссертант барои расидан ба ҳадаф, адабиёти зиёд омӯхта шуда, масъалаҳои химиявӣ тасниф гардидаанд. Ҳамзамон ҳаҷми бениҳоят калони кори илмӣ - методӣ ба анҷом расонида шудааст. Дар давоми се сол дар таҷрибаҳои озмоишӣ 258 нафар хонандагони мактабҳои таҳсилоти умумии №6 ва7 ноҳияи Мӯъминобод ва литсей №1 ба номи Исмоили Сомонии шаҳри Кӯлоб иштирок намуда, натиҷаҳо дар шакли ҷадвалҳо ва диаграммаҳо оварда шудаанд. Ҳамзамон таҳлилҳои муқоисавии сатҳи донишазхудкунии хонандагон тавассути методҳои таълим ва тарбияи анъанавӣ ва ғайрианъанавии таълим, методҳои интерактивӣ дар самти фанни химия гузаронида шудаанд.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи барои ҳимояи расмӣ пешниҳод шуда аҳамияти бениҳоят калони илмию методӣ ва амалӣ дошта, барои истифодабари ҳамбастагии методҳои таълим ва тарбия дар таълими фанни химия зарур аст.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда асоснок карда мешаванд, ки онҳо соҳиби тахассусияти зарурӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02. - назария ва усулҳои омӯзишу парвариш (химия) мебошанд.

Аз рӯйи мавзӯи диссертатсия 8 кори илмӣ нашр гардида, аз он 5 мақола дар нашрияҳои аз тарафи Комиссияи олӣ аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шуда ба табъ расидаанд.

Номгӯи муҳимтарин мақолаҳо, ки моҳияти илмии диссертатсияро инъикос менамояд:

[1-М]. Уроқов М.Д. Асосҳои назариявии истифодаи методҳои таълим ва тарбияи анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ дар ҷараёни методикаи таълими фанни химия [матн] Холнозаров С. Уроқов М.Д. // Маҷаллаи илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон –маркази табъу нашри, баргардон ва тарҷума 2018. – 2019/№7 - С.267-270. ISSN 2074-1847

[2-М]. Уроқов М.Д. Истифодаи имкониятҳои дидактикии методҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ тарбия дар таълими фанни химия [матн] Уроқов М.Д.// Маҷаллаи илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон –маркази табъу нашри, баргардон ва тарҷума 2019. – 2019/№8 - С.263-266. ISSN 2074-1847

[3-М]. Уроқов М.Д. Таъсири тарбиявии методҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ ба фаъолгардонии хонандагон дар ҷараёни таълими химия [матн] Уроқов М.Д. Холназаров С// Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав –Бохтар 2019. -1/2(62) ISSN 2665-5554

[4-М]. Уроқов М.Д. Омезиши методҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ ҳангоми ҳалли вазифаҳои таълм ва тарбиявӣ дар раванди таълими химия [матн] // Уроқов М.Д Сайфуддинов Ф // Маҷаллаи илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон –маркази табъу нашри, баргардон ва тарҷума 2018. – 2019/№10 - С.282-284. ISSN 2074-1847:

[5-М]. Уроқов М.Д. Ҳолоти праблемаи таёрии таълими пешазназариявӣ дар назария ва амалияи таълим [матн] Холназаров С. Холназарова Ш.С. Уроқов М.Д. // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав – Бохтар 2020.-1/2(74) ISSN 2663-5534

в) Мақолаҳое, ки дар дигар нашрияҳо ба табъ расонидаанд:

[6-М]. Уроқов М.Д. Методҳои фаъолгардонии таълими химия: таҷриба ва машғулият [Матн] /Уроқов М.Д. Бобоев Б.Ҷ. маҷмӯаи мақолаҳои конференсияи Ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзӯъи «Мушкилотҳои кимёи муосир аз нигоҳи ҳифзи табиат ва татбиқи навгониҳои илмию истеҳсолӣ» Душанбе «ЭГ-граф» 2019. –С.149-157

[7-М]. Уроқов М.Д. Таҳқиқ ва истифодаи методҳои таълим дар раванди таълими химия [Матн] /Уроқов М.Д. маводи (фишурдаи) конференсияи илмӣ-назариявии ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷуён оид ба натиҷагирии корҳои илмӣ-таҳқиқоти дар соли 2020. Кулоб.-317-319

[8-М]. Уроқов М.Д Таҷриба ва гузаронидани машғулиятҳо дар таълими фанни химия [Матн] / Уроқов М.Д. Ҳисайнов Ҳ. Маводи конференсияи илмӣ-назариявии умумидонишгоҳӣ миёни магистрантон ва докторантони PhD дар мавзӯи Уроқов М.Д «Пешвои миллат интихоб ва ифтихори тоҷикон» Кулоб.-2020с. 182-186с

Шӯрои диссертатсионӣ дар асоси таҳқиқоти диссертант қайд менамояд, ки:

1. Мазмун ва мафҳумҳои Асосҳои методии ҳамбастагии методҳои таълим ва тарбия дар раванди таълими фанҳои табии риёзи возеҳ бошанд, **муқаррар карда** шудааст;
2. Имконияти истифодаи методҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавии таълим ва тарбия дар раванди таълими машғулиятҳои фанни химия ошкор гардида бошанд, **муайян карда** шуданд;

3. Таснифи мавҷудияти ҳамбастаги намудани асоси онҳо таҳия гардониданӣ методҳои таълим ва тарбияи анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ коркард шуда бошанд, **асоснок карда** шудааст;

4. Самарабахшии методҳои таълим ва тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои хонандагон ба воситаи машғулиятҳои назариявӣ ва амалӣ муайян гардида, **ошкор карда** шуданд;

5. Натиҷаҳои судманди тавсияҳои амалӣ оид ба истифодаи методҳои таълм ва тарбия барои хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳқиқ шуда бошад, муқаррар карда шудаанд.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот- системаи педагогӣ дар ҳамбастагӣ истифода намудани методҳои таълиму тарбияи ҳангоми омӯзиши фанни химия, ки ба ҳалли масъалаҳои рушди хонандагон таваҷҷуҳ доранд, кор карда шудааст. Усулҳои самараноки дар ҳамбастагӣ истифода намудани методҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ, аҳамияти истифодаи маҷмӯӣ барои иҷрои вазифаҳои таълимии курси химия муайян ва асоснок карда шуда исбот карда шуд, ки дар ҳамбастагӣ истифода намудани методҳои таълиму тарбияи анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ дар дарсҳои химия, зарурати баҳисобгирии нуқтаи назари субъективии омӯзгорони фанни химия ҳангоми интихоби методҳо пеш меояд.

Арзиши амалии натиҷаҳои илмии таҳқиқот- дар он аст, ки санҷидани системаи ҳамбастагии методҳои таълим ва тарбияи анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ ҳамчун нишондиҳандаи онҳо ба амалӣ намудани вазифаҳои таълиму тарбия дар раванди омӯзиши фанни химия равона карда шудаанд. Барои интихоби муътадили методҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ таълим ва тарбия дар ташкили раванди омӯзиши фанни химия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мувофиқат менимоянд. Дар коркарди тавсияҳои методӣ барои омӯзгорони фанни химия оид ба истифодаи системаи ҳамбастагии методҳои таълим ва тарбияи анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ ошкор карда шудааст

Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия –бо муқаррароти илмӣ, натиҷаи таҳқиқ, истифодаи маҷмӯи методҳо, ки ба объект, ҳадаф, вазифаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳо, амиқии кори назариявӣ ва методологӣ, мутобиқати усулҳои тадқиқ, таҳлили таҷрибаи муаллиф ҳамчун омӯзгор, маълумотҳо дар натиҷаи озмоиш ҳосилнамуда дар натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ дар шароити педагогӣ таъмин карда мешавад.

Саҳми бевоситаи муҳаққиқ дар гирифтани натиҷаҳои илмӣ, ки дар диссертатсия ва маводи нашршуда ироа гардидаанд ва дар мудаллалсозии назариявӣ ва илмӣ-амалии масъала ва ҳалли он баён шудаанд, зоҳир мегардад. Инчунин мустақилона ва бевосита таҳқиқоти диссертатсиониро гузаронида, таҳияи ҳамбастагии методҳои таълим ва тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути методҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ дар таълими фанни химия, интишороти ӯ ва баромадҳо дар конфронсҳои гуногуни илмию амалии сатҳи байналмиллалӣ ва ҷумҳуриявӣ ифода ёфтааст.

Ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-044 дар назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 28-уми октябри соли 2021 дар бораи ба Уроқов Мирзомурод Давлатмуродович додани дараҷаи номзади илмҳои педагогӣ қарор қабул кард.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шӯрои диссертатсионӣ аз шумораи умумии 15 нафар аъзои шӯрои диссертатсионӣ 14 нафар иштирок доштанд, ки аз ин 5 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - назария ва усулҳои омӯзишу парвариш (химия) мебошанд. Натиҷаи овоздиҳӣ:

Тарафдор 14 нафар, **зид нест, бетараф нест**

Раиси шӯрои
диссертатсионии 6D.КОА -044
дар назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ,
доктори илмҳои химия, профессор **Бандаев С.Г.**

Котиби илмии шӯрои
диссертатсионии 6D.КОА -044
дар назди назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ,
номзади илмҳои химия, дотсент **Гулов Т.Ё.**

“28” “октябр” соли 2021.